# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD)

Парвандаи аттестатсионии №___________
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 14.03.2026, №70

Барои сазовор донистани Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович “Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ.

Диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар мавзуи “Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ, санаи 13-уми декабри соли 2025, таҳти суратҷаласаи №64, Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2021, №35 таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 02-юми ноябри соли 1997 таваллуд шудааст. Соли 2019 Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси 1-25010301 “Иқтисодиёти ҷаҳонӣ” ва зинаи магистратураро аз соли 2019 то соли 2021, инчунин аз рӯйи ихтисоси 1-25010301 “Иқтисодиёти ҷаҳонӣ” дар Донишгоҳи мазкур хатм намудааст. Соли 2021 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба ҳайси докторанти доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ қабул шуда, зинаи мазкурро соли 2024 хатм намудааст.

Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович фаъолияти кориашро аз соли 2021 ба ҳайси ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оғоз намуда, то имрӯз дар вазифаи мазкур кору фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Усманова Туфа Ҷумаевна, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Хамидова Сарвиноз Хамрабоевна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кори бонкӣ, муовини декан оид ба таҳсилоти фосилавии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”;

- **Рустамов Раҳим Умаршоҳович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

- **Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, дар тақризи мусбати худ, ки аз тарафи Мирзоалиев А.А. - д.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон навишта шуда, дар ҷаласаи кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 04-уми феврали соли 2026, суратмаҷлиси кафедра №7 баррасӣ гардида, аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор Назарзода Хайрулло Холназар 06-феврали соли 2026 тасдиқ шудааст.

Муассисаи пешбар дар тақризи худ қайд кардааст, ки иқтидори креативии қувваи корӣ маҷмӯи қобилиятҳои зеҳнӣ, эҷодӣ, касбӣ ва иҷтимоии инсон мебошад, ки ба эҷоди ғояҳои нав, ҳалли ғайристандартии масъалаҳо ва мутобиқшавии самаранок ба тағйироти бозори меҳнат мусоидат менамояд. Ин иқтидор на танҳо дониш ва малакаҳоро дар бар мегирад, балки тафаккури эҷодӣ, ташаббускорӣ, навоварӣ ва қобилияти омӯзиши пайвастаро низ фаро мегирад.

Мубрамияти мавзуи диссертатсия аз он иборат аст, асосҳои назариявии омӯзиши иқтидори эҷодӣ ва рақобатпазирии қувваи корӣ ба назарияҳои сармояи инсонӣ, иқтисоди инноватсионӣ ва захираҳои меҳнатӣ асос ёфтаанд. Иқтидори креативӣ эҷодкорӣ, қобилияти навоварӣ ва рушди касбиро дар бар мегирад, дар ҳоле ки иқтидори эҷодӣ қобилияти кормандро барои фарқ кардан дар бозори меҳнат ифода мекунад. Мусаллам аст, ки робитаи байниҳамдигарии онҳо калиди мутобиқшавӣ дар иқтисоди рақамӣ ба ҳисоб меравад. Рақобат на танҳо рақобатпазирии қувваи кориро муайян кардааст, балки тавассути ҷанбаи меҳнатӣ ба ташаккули бартариятҳо барои маҳсулот, мол ва хизматрасонӣ дар шароити бозор таъсир расонидааст, ки ин ҳамчун зуҳуроти муборизаи рақобатӣ байни корхонаҳо мебошад, ки барои илми идоракунӣ низ муҳим аст. Аз тарафи дигар, рақобатпазирии қувваи корӣ мустақиман бо раванди меҳнат ва унсурҳои он, яъне ҷои кор, объект ва натиҷаи меҳнат - хусусиятҳои ҷудонашавандаи иқтисоди меҳнат алоқаманд аст.

Бинобар ин, андешаҳои болозикр муҳим будани таҳқиқоти илмии мавзуи кори илмиро нишон медиҳанд ва дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масоили марбута мавриди омӯзиш ва таҳлилу арзёбии амиқ қарор дода шудаанд.

Бо назардошти нуктаҳои зикргардида муассисаи пешбар интихоби мавзуъ, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Азимов Наимҷон Ҳалимҷоновичро мубрам арзёбӣ намуда, таҳқиқоти анҷомдодашударо дар мавзуи "Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммал ва мустақилона баанҷомрасида ҳисобида, қайд менамояд, ки дар он натиҷаҳои нави илмӣ ва амалии аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии хориҷию ватаниро дар самти асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат созандаворона истифода бурдааст. Хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи таҳқиқот барои роҳандозии натиҷаҳои илмӣ дар амалия дар заминаи таҳлили назариявию таҷрибавӣ муайян гардида, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро исбот мекунад.

Асосҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович "Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат" ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқ ва ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ мебошад.

Автореферати диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**А) Мақолаҳои чопшуда дар нашрияҳои бақайдгирифтаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**(бо забони аслӣ)**

[1-М]. Азимов Н.Ҳ. Усулҳои танзими муҳоҷирати интеллектуалӣ ҳамчун асоси ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ [Матн] / Т.Ҷ. Усманова, Н.Ҳ. Азимов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 4/1(43), Душанбе, 2022. С.64-71 (0,5 ҷ.ч.). ISSN 2308-054X.

[2-М]. Азимов Н.Ҳ. Табдилдиҳии саноати креативӣ зери таъсири рақамикунонии иқтисодиёт: мулоҳиза, тасаввурот ва баҳодиҳӣ [Матн] / Н.Ҳ. Азимов // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон 1(52), Душанбе, 2023. С.132-140 (0,56 ҷ.ч.). ISSN 2707-8000.

[3-М]. Азимов Н.Ҳ. Рушди креативӣ-инноватсионии сармояи инсонӣ дар шароити муосир [Матн] / Н.Ҳ. Азимов // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон 3(54), Душанбе, 2023. С.182-190 (0,5 ҷ.ч.). ISSN 2707-8000.

[4-М]. Азимов Н.Ҳ. Таҳлили омилҳои ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат [Матн] / Н.Ҳ. Азимов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 4/2(50), Душанбе, 2023. С.35-42 (0,5ҷ.ч.). ISSN 2308-054X.

[5-М]. Азимов Н.Ҳ. Самтҳои асосӣ ва роҳҳои ҳавасмандгардонии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Ҳ. Азимов // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон 1(56), Душанбе, 2024. С.179-188 (0,56 ҷ.ч.). ISSN 2707-8000.

[6-М]. Азимов Н.Ҳ. Баланд бардоштани сифати хизматрасонии сайёҳӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти креативӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Ҳ. Азимов // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон 2(57), Душанбе, 2024. С.195-204 (0,56 ҷ.ч.). ISSN 2707-8000.

**Монографияи коллективӣ:**

[7-М]. Азимов Н.Х. Оценка состояния креативного потенциала рабочей силы, как фактора обеспечения продуктивной занятости населения [Текст] / Н.Х. Азимов // Формирование и развитие продуктивной занятости в Республике Таджикистан: коллективная монография. // Отв.ред. к.п.н. М.Ш. Махмадбекзода, к.э.н. Э.Н. Сангинзода, к.э.н., доцент Р.М. Бабаджанов - Государственного учреждения “НИИ труда, миграции и занятости населения”. – Душанбе, 2023, С.318[пп.2.2. Стр.159-172.] - (0,875 п.л.). ISBN978-99985-41-89-4.

**Б). Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ**

[8-М]. Азимов Н.Ҳ. Ташаккулёбии сармояи инсонӣ ҳамчун асоси афзоиши талабот ба хизматрасониҳои таълимӣ [Матн] / Д.Ҷ. Рашидова, Н.Ҳ. Азимов // “Бозори меҳнат”, Маҷаллаи илмии Муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ” 1(52), Душанбе – 2022. С.24-32 (0,5 ҷ.ч.). ISSN 2518-7988.

[9-М]. Азимов Н.Ҳ. Иқтидори эҷодии қувваи корӣ ҳамчун рушди иқтисодиёти инноватсионии миллӣ [Матн] / Н.Ҳ. Азимов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар мавзуи "Ҳамбастагии илм бо истеҳсолот дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон" (22-23-юми апрели соли 2022), қисми 2. -- Душанбе, 2022. - С.8-13 (0,31 ҷ.ч.).

[10-М]. Азимов Н.Ҳ. Оид ба тамоюли баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии қувваи корӣ дар бозори меҳнатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Ҳ. Азимов, Р.И. Нозимзода // "Бозори меҳнат", Маҷаллаи илмии Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" 2(53), Душанбе – 2022. С.75-81 (0,43 ҷ.ч.). ISSN 2518 -7988.

[11-М]. Азимов Н.Ҳ. Рушди иқтисодиёти бозоргонӣ зери таъсири иқтидори креативии қувваи корӣ [Матн] / Н.Ҳ.Азимов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар мавзуи "Рушди устувори саноати миллӣ дар асоси амалигардонии "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" (24-25-уми апрели соли 2023), қисми 2. – Душанбе, 2023. - С.11-16 (0,375 ҷ.ч.).

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1. **Самандарзода Искандар Ҳусейн** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо чунин тавсия:

- Барои таҳқиқотҳои илмии минбаъда тавсия медиҳем, барои он ки дар саҳифаи 23-и автореферати диссертатсия муаллиф роҳҳои асосии такмилдиҳии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ, тавассути унсурҳои баландбардории сифати таҳсилоти креативӣ дар низоми маорифи ҷумҳурӣ (расми 5) муайян кардааст, аммо бисёр ба маврид мебуд роҷеъ ба сохтори омодагии касбии кадрҳо, баланд бардоштани тахассусҳо ва таҷрибаҳосилкунӣ дар кишвар дар ҳаҷми як ҷадвал ё диаграмма таҳлилҳо гузаронида мешуд. Эроди зикргардида аҳамияти илмии кори диссертатсионии муаллифро коҳиш намедиҳад, зеро дорои хусусияти тавсиявӣ буда, метавонад дар раванди корҳои илмӣ-таҳқиқотии оянда ва мукаммалгардонии минбаъади мавзуъ ба назар гирифта шавад.

2. **Ризозода Тӯра Раббим –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо чунин норасоӣ:

- Дар баробари ин, автореферати диссертатсия аз баъзе норасогиҳо ва камбудиҳо холӣ нест. Аз ҷумлаи он, диссертант дар ҷадвали 4-и

автореферати диссертатсия тағйирёбии индикаторҳои асосии соҳаи фарҳангро дар мисоли осорхона ва театрҳои ҷумҳурӣ баррасӣ кардааст, аммо ба манфиати кор мебуд агар теъдоди кормандони соҳаи театр ва кино қиёс карда мешуданд.

Қобили қайд аст, ки камбудии пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии таҳқиқоти диссертатсиониро тағйир намедиҳад.

**3. Саидмуродзода Лутфулло Ҳабибулло** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Институти иқтисодиёт ва демография, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо чунин эрод:

- Дар автореферати диссертатсия дар баробари мавҷуд будани дастовардҳои назарраси илмӣ, аз камбуди холӣ нест, ки ҳамчун эроди ҷузъӣ метавон қайд намуд. Хуб мешуд, агар муаллиф таркиб ва таснифи унсурҳои креативии захираҳои инсониро мавриди баррасӣ қарор медод, зеро муаллиф ба мавқеъ ва равишҳои назариявӣ-илмии коршиносони ин самт диққати махсус зоҳир намудааст (ҷадвали1).

Дар хулоса қайд намудан ба маврид аст, ки тавсияи мазкур сифати таҳқиқоти илмии анҷомёфтаро коҳиш намедиҳад.

**4. Сафаров Бахром Гулматович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

- Хуб мешуд таҷрибаи хориҷӣ омӯхта шуда хулоса ва тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба ташаккулёбӣ ва рушди ИҚҚК дар сатҳи иқтисодиёти Тоҷикистон пешниҳод мегардид.

- Дар автореферати диссертатсия муаллиф оид ба танзими давлатии меҳнати интеллектуалии муҳоҷирон ва таъсири онҳо ба ташаккул ва рушди ИҚҚК дар сатҳи ҷумҳурӣ таъкид кардааст, аммо дар қисмати таҳлили кори илмӣ нишондиҳандаи мазкур тавассути диаграмма ё ҷадвал оварда нашудааст.

Дар умум, норасоиҳое, ки мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд, хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сифати автореферати тақризшаванда таъсири манфӣ расонида наметавонанд ва ин норасоиҳоро муаллиф метавонад, ҷиҳати таҳқиқи амиқи масъалаи баррасишаванда дар пажӯҳишҳои минбаъда ба инобат гирад.

**Интихоби муқарризони расмӣ** дар асоси пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, инчунин, бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувори онҳо дар доираи таҳқиқи масоили ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат, мавҷудияти интишороти онҳо дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба

аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсии муқарризон барои пешниҳоди тақриз тасдиқ шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро баҳо диҳад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- **коркард карда шуд:** дар натиҷаи таҳқиқи муносибати назариявӣ-консептуалӣ ба муайян ва тасниф намудани мафҳуми "иқтидори креативии қувваи корӣ", аз ҷониби муаллиф мафҳуми ИКҚК шарҳ дода шуда, хусусиятҳои рушди иқтидори креативии қувваи корӣ дар марҳилаи муосир вобаста ба принсипҳо, муносибатҳои меҳнатӣ ва идоракунии захираҳои инсонӣ, муайян карда шудааст;

- **пешниҳод карда шуд:** сатҳи воқеии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобаттавонии он дар бозори озоди меҳнат, арзёбӣ карда шуда, инчунин, таъсири иқтидори креативии қувваи корӣ ба талабот дар бозори озоди меҳнат муайян карда шуда, роҳҳои рушди он пешниҳод карда шудааст;

- **исбот карда шуд:** дар асоси таҳлили омилҳои ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ, шохиси рушди инсонӣ, инчунин, зариби захираи иқтидори креативии қувваи корӣ вобаста ба таносуби динамикаи теъдоди аҳолии фаъол дар иқтисодиёт, баҳодиҳӣ ва асоснок карда шудааст;

- **асоснок карда шудааст,** ки роҳҳои асосӣ ва самтҳои беҳсозии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ, ки бо равандҳои зерин муайян карда мешаванд: мутобиқгардии иҷтимоӣ тавассути сатҳи баланди дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифат, аз ҷумла тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф, танзими давлатии тайёркунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсилоти касбии бекорон ва азнавтайёркунии кадрҳо бо ташкили шароит барои ташаккули низоми иттилоотонии бозори меҳнат, бо дарназардошти эҳтиёҷоти корфармоён, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ (ҷалби донорҳои хориҷӣ) дар соҳаи иҷтимоӣ, мусоидат барои кӯтоҳмуддатии истифодабарии вақти корӣ (ҷадвали кории чандир), ташкил ва таъмини кормандон ба сафарҳои кории хориҷӣ (сайёҳатномаҳо), дастгирии корманд бо мақсади дастрасии қарзҳои имтиёзок (масалан, барои харидории амволи ғайриманқул ва дигар лавозимоти зарурии бино) ва ғайра, пешниҳод карда шуданд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки:**

Дар таҳқиқот вазъи имрузаи иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат баррасӣ гардидааст.

**исбот карда шудааст**, ки вазъи муаммодорӣ ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ дар марҳалаи гузаштан ба иқтисоди креативӣ-инноватсионӣ, бо фарогирии ҳолати ичтимоии захираҳои меҳнатӣ, муносибатҳои меҳнатӣ (байни корфармо ва корманд), сатҳи хизматрасонии ичтимоӣ, хусусиятҳои танзими давлатии муҳоҷирати зеҳнӣ амалӣ мегардад;

- дар таҳқиқоти гузаронидашуда усулҳои иқтисодӣ-оморӣ, муқоиса, таҳлил ва синтез, графикӣ, эконометрикӣ (коррелятсионӣ-регрессионӣ), экстраполятсионӣ (имтидод) ва дигар усулҳои таҳқиқот бо истифода аз барномаҳои компютерӣ, истифода шудаанд;

- **баён шудани** маҳдудиятҳову масоили ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат ба таври возеҳу равшан асоснок карда шуда, бо такя ба таҷрибаи амалӣ ва нуктаҳои назари илмии самтҳои беҳтарсозӣ ва ҳалли ин мушкилоту маҳдудиятҳо пешниҳод гардидаанд;

- **ошкор карда шудааст**, дар заминаи арзёбии авомили асосии таъсиргузор ба раванди ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ, яъне омилҳои ичтимоӣ-демографӣ, ҷуғрофиявию экологӣ, илмӣ-техникӣ ва зеҳнӣ (интеллектуалӣ), ичтимоӣ-рӯҳӣ, иқтисодӣ-ичтимоӣ ва иттилоотӣ (коммуникатсионӣ)-ҳамгироӣ (интегратсионӣ), ниҳодӣ-истеҳсолӣ, ки бо назардошти онҳо шохиси рушди инсонӣ, коэффитсиенти захоири иқтидори креативии қувваи корӣ тибқи афзоиши табиии теъдоди аҳолӣ, сатҳи маълумоти касбии вобаста ба тағйирёбии теъдоди аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол чен карда мешавад, хулоса ва пешниҳодҳо карда шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- **коркард ва ҷорӣ карда шуд:** таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодҳои назариявию тавсияҳои амалии илман асосноккардашударо оид ба ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат фаро гирифтааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки маводҳо, хулоса ва тавсияҳои илмии пешниҳодгардида, аз ҷониби МД "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳои дар самти рақобатпазирии иқтидори креативии қувваи корӣ ва баланд бардоштани

самаранокии онҳо дар бозори меҳнати ҷумҳурӣ истифода хоҳанд гардид. (маълумотномаи МД “Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”, №13 аз 03.01.2025);

- **муайян карда шуд**: таъсири иқтидори креативии қувваи корӣ дар марҳалаи муосир ба талабот дар бозори меҳнат, ки бо сарчашмаҳои асосии вусъатдиҳии фаъолияти илмию фарҳангии иқтидори креативӣ инноватсионии кадрҳои баландихтисос, инчунин, бо дастовардҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ вобаста буда, аз рӯи аломати сифатию миқдории аҳолии дар бахши хизматрасонӣ шуғлдошта, ки бо дарназардошти индикаторҳои бадастомада мушаххас гашт, асоснок ва пешниҳод карда шудааст;

- **муаррифӣ карда шуд**: вазъи кунунӣ ва тамоюли рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат, пеш аз ҳама, аз рӯйи хусусиятҳои ҳамаҷонибаи аҳолии дар иқтисодиёт машғул, сатҳи талаботи миқдорӣ ва сифатӣ ба қувваи корӣ дар бозори меҳнат, сатҳи зудҳаракатии қувваи корӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои чандирӣ, истифодаи қувваи корӣ, маҳорати ташкилӣ, таъмини аҳолии қобили меҳнат бо ҷойҳои корӣ мушаххас карда шуданд, ки ин ба баланд бардоштани сатҳи шуғлнокӣ, коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ, инчунин, дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар кишвар таъсир мерасонад, асоснок карда шудаанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- **назария ва амалияи таҳқиқ.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия дар он зуҳур меёбад, ки хулоса ва пешниҳодҳое, ки аз тарафи муаллиф дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот ба даст омадаанд, илман асоснок карда шудаанд ва онҳо ба баланд бардоштани сатҳи рақобаттавонии иқтидори креативии қувваи кории бозори меҳнат мусоидат намуда, дар сатҳи кишвар барои мукаммал ва муайян намудани ҳолат, тамоюл ва ташаккулёбии иқтисодиёти креативӣ дар ҷумҳурӣ имконият медиҳанд. Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он инъикос меёбад, ки он ба ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат, мукаммал ва мушаххас намудани вазъ, ҳолат ва тамоюли рушди фаъолияти эҷодӣ ва навоварӣ мусоидат менамояд. Натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада, метавонанд ҳамчун заминаи таҳқиқотҳои оянда оид ба масоили иқтидори креативии қувваи корӣ мусоидат намоянд ва унсури таконбахши рушди иқтисодиёти креативӣ дар ҷумҳурӣ гарданд;

- **ғояи таҳқиқот** дар асоси муқаррароти назариявию консептуалии олимони хориҷию ватанӣ дар бахши ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат, дар заминаи амалишавии ҳадафу мақсадҳое, ки дар Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Парлумони кишвар, "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", "Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", "Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040", "Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025" муайян шудаанд, маводҳои конференсияҳои гуногун, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва захираҳои иттилоотии шабакаи "Internet" асоснок шудааст;

- **аслият ва навгониҳои** натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳлили амиқи заминаҳои назариявӣ ва амалӣ барои омӯзиши ҳалли масоили ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат инъикос ёфтаанд;

- **усулҳои муосири** ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот ҳангоми тартиб додани ҷадвалҳо, расмҳо, таҳия намудани диаграммаҳо ва коркарди тавсияҳо оид ба ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат истифода карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- саҳми шахсии муаллиф дар мушаххас намудани аҳамият ва мавқеи иқтидори креативии қувваи корӣ дар марҳилаи муосир, таҳлилу баҳодиҳии тамоюли ҳолати ҳозираи иқтидори креативии қувваи корӣ, таъсири онҳо ба талабот дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ, таҳсилоти креативӣ ва таъсири он ба ташаккули иқтидори креативии қувваи корӣ исбот карда шуда, роҳҳои асосии беҳтарсозии низоми мотиватсионии ИКҚК ва самаранокии натиҷаи фаъолияти онҳо дар табдилдиҳии фаъолияти эҷодӣ-навоварии бахшҳои воқеию хизматрасонии иқтисоди миллӣ пешниҳод гардида, барои дар амал татбиқ намудан пешкаш карда шудаанд;

- тавсияҳои амалии таҳқиқоти муаллифро ҳамчун натиҷаи ҷудогонаи таҳқиқот метавон дар мавриди таҳияи муқаррароти назариявӣ ва методӣ ҳангоми арзёбӣ ва роҳҳои асосии такомул ва рушдёбии иқтидори креативии қувваи корӣ дар шароити муосири рушди иқтисодиёт истифода бурд;

- аз рӯйи мавзуи таҳқиқот 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст;

- қисматҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ба тасвиб расидаанд.

Дар ҷаласа аз 14-уми марти соли 2026 шурои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар узви Шуро 16 нафар иштирок доштанд, 6 нафар мутахассис аз рӯйи диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 нафар узви шуро, ки овоз доданд: тарафдор 15 нафар, муқобил 1 нафар, бюллетенҳои беэътибор нест.

Раисикунандаи ҷаласаи шурои диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент Собирзода Н.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент Гулов Ш.М.

“14” марти соли 2026